ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 3.7.033 (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

ГАДОЕВ НУСРАТУЛЛО ЗУВАЙДУЛЛОЕВИЧ

СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ (ТАҲЛИЛИ СИЁСИЮ ИҶТИМОӢ)

Ихтисос: 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо
ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти
дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ

Душанбе – 2025

Диссертатсия дар кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбари илмӣ: **Муҳабатов Абдусалом** – номзади илмҳои фалсафа, профессори кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Назар Мумин Абдуҷалол** – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Саидзода Шӯҳрат Шукур – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Муассисаи тақризидиҳанда: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия “11” октябри соли 2025, соати “13:00” дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33 баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии АМИТ ва сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “____” _____ соли 2025 фиристода шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ
Email: sanginov1953@mail.ru **Сангинов Н.Н.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Масъалаи маориф яке аз масъалаҳои калидӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Рушди он ба тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, пажӯҳиши соҳаи маориф дар давраи дигаргуншавии ҷомеа яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад. Дар робита бо ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Э. Раҳмон қайд менамояд: «Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи маориф мебошад» [18, с.302].

Аҳамияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои пешрафта талош меварзад, ки ҳуҷҷатҳои давлатӣ, стандартҳо, консепсияҳо ва барномаҳои худро дар соҳаи маориф таҳия намуда, рушди онро ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ созад. Ҳукумати кишвар муҳимияти ин соҳаро ба назар гирифта, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” – ро қабул кард. Қонун имконият медиҳад, ки мувофиқ ба талаботи ҷомеаи демократӣ соҳаи маориф инкишофу рушд намояд.

Муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин дар он аст, ки вобаста ба талаботи давраи гузариш ҷиҳатҳои муҳимтарини раванди зина ба зина гузаштани таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқ шаванд, ки зарурияти омӯзиши он дар Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хеле мушаххас баён шудааст.

Зарурияти дигари таҳлилу таҳқиқи мавзуи интихобшуда инчунин дар он аст, ки раванди модернизатсионӣ дар соҳаи маориф вобаста ба суннатҳои миллӣ ба монанди руҳияи миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанги гузашта ва таъсири онҳо дар ташаккули шахсияти нав мавриди таҳлилу таҳқиққарор гирифтааст.

Аз тарафи дигар, аҳамияти таҳлили илмӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшуда дар он аст, ки дар ҷаҳони муосир раванди навсозии соҳаи маориф идома дорад. Ислоҳот дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар низоми сиёсии Тоҷикистон сурат мегирад. Барои навсозии бомуваффақияти низоми таълим иштироки фаъолонаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва худи шаҳрвандон зарур аст. Бинобар ин, сиёсат дар бораи маориф, на танҳо хусусияти соҳавӣ, балки хусусияти умумимиллӣ дошта, зарурияти омӯзиш ва таҳқиқоти илмию назариявии мукаммалро талаб менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки масъалаи инкишофи ҷомеаи муосир аз сатҳи донишҳои техникию технологӣ вобастагии амиқ дорад. Бесабаб нест, ки

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои дурнамои худро дар саноатикунонии ҷомеа мебинад, ки он бе пешрафти илму маориф ғайриимкон аст. Аз ин ҷо, зарурияти омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас дар вохӯрӣ ва мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» эълон карда шуд. Чуноне ки маълум аст, вазифаҳои дар боло гузошташуда имконият медиҳанд, ки ҳадафи чоруми дурнамои рушди Тоҷикистон - саноатикунонии мамлакат тавассути ин мақсад бомуваффақият амалӣ гардад.

Рушди соҳаи маориф дар самти тарбия ва таълими босифат аз кӯдакистон, макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва коллеҷу донишкадаву донишгоҳҳои кишвар вобастагии амиқ дорад. Гузашта аз ин, соҳаи маориф ҳамчун силсилаи боэътимод дар ташаккулёбии маърифат, худшиносӣ, камолот ва болоравии маънавиёти инсон хизмат мекунад. Бесабаб набуд, ки соҳибназарони Ғарб ва Шарқ таҳаввулоти ҷомеаро дар маорифпарварӣ, соҳиби хату савод ва дар маҷмӯъ маънавиёту маърифат будан медиданд. Онҳо итминон онро доштанд, ки маҳз илму маориф метавонад ҷаҳолатро аз ботини инсонҳо дур кунад ва онҳоро ба роҳи росту дуруст ҳидоят намоянд.

Дар замони муосир ва бахусус дар раванди ҷаҳонишавӣ аҳамияти таҳқиқи масъалаи маориф дар он ифода меёбад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон кӯшиш менамояд, ки санадҳо, меъёрҳо ва барномаҳои давлатии худро дар соҳаи маориф таҷдид ва таҳия намуда, самтҳои инкишофи онро бо низоми меъёри ҷаҳонии маориф мувофиқ гардонад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаи ташаккул ва амалӣ намудани самти сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаи маориф дер боз диққати муҳаққиқони гуногуни илмро ба худ ҷалб намудааст, зеро тамоми соҳаҳои ҳаёт аз рушди маориф дар шароити имрӯзаи ҷомеа ва дурнамои он вобаста аст**.** Моҳияти асосии диссертатсияро ба ду самти асосӣ: омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили асосҳои назариявию методологии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва самти дуюми онро дар раванди амалишавии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ҷудо карда, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додан мумкин аст.

Дар рафти таҳлили мавзуи диссертатсионӣ таҳқиқоти пажӯҳишгарони соҳаи маорифро дар солҳои қаблӣ ва имрӯз ба як чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

Ба гуруҳи якум сарчашмаҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва сиёсие марбут мешаванд, ки муносибатҳои гуногунро дар соҳаи маориф ба танзим даровардаанд. Аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар қонун ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [24; 29; 30; 58; 10; 20; 47; 48; 57]. Аз таҳлили ин санадҳои меъёрӣ маълум мегардад, ки ба ин мавзӯъ таҳқиқотчиёни соҳаҳои гуногуни доираҳои илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, паҳлӯҳои гуногуни мавзӯи мазкурро таҳлилу таҳқиқ намудаанд.

Ба гуруҳи дуюм таҳқиқотҳои илмии баённамудаи доираи васеи олимони хориҷӣ нисбат дода шудааст, ки соҳаи маорифро аз паҳлӯҳои гуногун таҳлил намуда, зарурати омӯзиши онро исбот карда, асарҳои зиёди илмӣ таълиф намудаанд. Дар байни онҳо саҳми муҳаққиқоне, ки соҳаи маорифро аз мақоми иҷтимоӣ таҳлил намудаанд, хеле назаррас мебошад. Хусусан, асарҳои муҳаққиқони зерини хориҷӣ: Э. Тоффлер, Д. Форрестер, Ф. Фукуяма, Э. Гидденс, Э. Дюркгейм, Т. Парсонс, Б. Саймон, Р. Дарендорф, Д. Дюи, Л. А. Козер, Ф. Г. Кумбс [60; 61; 63; 64; 9; 14; 45; 46; 55; 11; 13; 23; 27] ва дигарон, ки асарҳои таълифнамудаи онҳо диққати аксари муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудаанд.

Ф. Фукуяма дар асари худ “Ҷудоии азим” масъалаҳои иҷтимоиро мавриди таҳлил қарор дода, тағйиротҳои фаврии аз соли 1965 инҷониб ба амал омадаро бо меъёрҳои иҷтимоӣ баҳогузорӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, тағйиротҳо бо арзишҳое, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд, пайвандии ногусастанӣ доранд. Масалан, ӯ қайд менамояд, ки тағйиротҳои куллӣ дар фарҳанги оила ба андешаи ман, метавон онҳоро бо ду омил шарҳ дод. Омили аввал умумист, ки ба тағйирёбии хусусияти меҳнат ба амал омадаанд ва ҷомеа аз иқтисодиёти асри индустриалӣ ба иқтисодиёти иттилоотӣ гузаштааст; омили дуюм мушаххас аст, ки навгониҳои (инноватсия) технологӣ ба монанди таъсири доруҳо дар раванди таваллуд ва дигар муносибатҳои оилавӣ, ки ин сабабҳои мушаххаси худро дорад, яъне таъсири илм ба ҳаёти ҳаррӯзаи мардум хеле зарур аст, вале аз сабаби қашшоқӣ илм ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа дастрас нест. Ӯ сабаби “Ҷудоии азим”-ро дар камбизоатӣ ва нобаробарии ҷомеа медонад. Ҳатто вайроншавии оилаҳо, камбизоатӣ, ҷиноятқорӣ, нобоварӣ, парокандагии иҷтимоӣ, нашъамандӣ, бесаводӣ ва сармояи пасти иҷтимоиро аз сатҳи пасти маориф донистааст [64, с.67].

Муҳаққиқ Э. Тоффлер дар асари худ “Мавҷи сеюм” таҳлили муқоисавиро пеш гирифта, бештар мавҷи сеюмро бо мавҷи дуюм муқоиса намуда, раванди ташаккулёбӣ ва демократикунониии ҷомеаро нишон додааст. Ӯ қайд

менамояд, ки дар айни замон, миллионҳо одамон аз сабаби бесаводӣ аз бозори меҳнат берун карда мешаванд. Дар ҷаҳони мавҷи дуввум қобилияти хондан малакаи одитарин буда, дар ҳар як идора онро мустақилона талаб менамуд [60, с.124].

Олими дигар Д. Форрестер дар асараш “Динамикаи чаҳонӣ” муносибати ақли инсонро бо низоми муҳити атроф таҳлилу таҳқиқ намуда, ӯ ақли инсонро ҳамчун воситаи муҳим дар эҷоди назарияҳо медонад. Нуқтаи муҳимми дигаре, ки ӯ дар ин асар зикр мекунад ин дониши инсон мебошад. Маҳз ба воситаи дониш инсон низоми атрофашро муайян мекунад [63, с.45-46]. Масъалаи дигаре, ки ӯ дар ин асар ҷонибдорӣ менамояд, ба вуҷуд омадани баҳсҳои илмӣ байни мутахассисон аст. Аз ҷумла, ӯ таъкид менамояд, ки мутахассиси соҳаи муайян бояд бо як гурӯҳи одамони дорои дониши он соҳа мубоҳисаҳои шадидро оғоз кунад [63, с.55].

Олими дигари Ғарб Энтони Гидденс боби 16-уми асараш «Сотсиология» - ро ба соҳаи маориф бахшидааст. Ӯ дар ин асар аввалин шуда, шакли таҳсили фосилавиро ба таври дақиқ баррасӣ намудааст, ки имрӯз мо гуфтаҳои ин муҳаққиқро дар амалияи пешрафти маорифи Тоҷикистон низ дида истодаем [9, с.427].

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки муҳаққиқони мазкур дар рисолаҳои илмию таҳқиқотии худ ба масъалаи пешравии илму маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, роҳҳои татбиқи амалии онро бо мисолҳои мушаххас нишон додаанд.

Ба гуруҳи сеюм пажӯҳиши мавзӯи таҳқиқшаванда, муҳаққиқони русро номбар кардан мумкин аст, ки онҳо солҳои охир ба масъалаҳои умумии ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Муҳиммият ва дурнамои соҳаи маориф, таҳлили фишангҳои ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар таҳқиқотҳои А. Л. Андреев, Н. Ф. Дианова, В. И. Жуков, М. Ф. Кузнетсов, Ф. Г. Зихтдинов, А. Е. Кузмин, А. Г. Бермус, Д. А. Ягофаров, Ж. Т. Тошенко [4; 12; 15; 25; 16; 26; 7; 8; 69; 59] ва дигарон мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар байни ин зумра олимон тадқиқоти муҳаққиқ А. Е. Кузмин хеле аҳамияти муҳими илмию назариявӣ дорад. Дар рисолаи илмии ӯ мафҳумҳои «сиёсати маориф», «сиёсат дар соҳаи маориф», «сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф» арзёбӣ шудаанд [26].

Муҳаққиқ А. Г. Бермус дар рисолаи худ ҳангоми баррасии низомҳои стандартикунонии саноатӣ, ки дар асоси онҳо стандартҳои муосири давлатии

таълим ба вуҷуд омадаанд, онҳоро ба чор навъи нисбатан мустақили миллӣ ҷудо кардааст: амрикоӣ, аврупоӣ, русӣ ва японӣ [8].

Муҳаққиқ Д. А. Ягофаров диққати бештари олимонро ба худ ҷалб намудааст. Ӯ дар асараш “Правовое регулирование системы образования” сиёсати таълим ва талаботи асосии системаи маорифро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таҳлил кардааст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки сиёсати давлат дар соҳаи маориф ин маҷмӯи фаъолияти давлат оид ба таъмин ва рушди низоми таҳсилоти миллӣ буда, унсурҳои гуногуни худро дорост ва дар байни онҳо масъалаҳои сиёсӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, ташкилӣ, идоракунӣ ва инчунин масъалаҳои моддию техникӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Аз ҷониби дигар, дар таҳқиқоти ӯ се муқаррароте вуҷуд доранд, ки мустақиман ба сиёсат оид ба маориф марбут мебошанд.

Якум, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба як қатор талабот, аз ҷумла ба талаботи роҳбарикунанда такя мекунад, ки дурнамо ва мақсадҳои наздики сиёсати маорифро дар марҳилаи мушаххаси таърихии рушди ҷомеа ва оянда муайян мекунанд.

Дуюм, ин талаботҳо дар қонунгузории амалкунанда, ки ҷанбаҳои гуногуни соҳаи маорифи миллиро танзим мекунанд, алоқаманданд ва пеш аз ҳама, дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд.

Сеюм, чунин робитаи байни талаботи сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки маориф яке аз масъалаҳои афзалиятнок дониста мешавад [69].

Муҳаққиқ Ж. Т. Тошенко вазъи таҳсилоти аҳолии Россияро дар асоси таҳлилҳои оморӣ дар шакли дастаҷамъона таҳлил намуда, таҳсилотро ҳамчун омили муҳимми танзими масъалаҳои иҷтимоӣ, муҳимтарин шарти табақабандии ҷомеа ва ҳаракатнокии иҷтимоии шахс дар ҷомеа номидааст. Ҳамчунин нақши ҷомеашиносон Е. А. Кабо., Л. Е. Минц ва В. С. Овчинниковро оид ба тарбияи коргарони ҷавон, зиёиёни нав ва татбиқи барномаи маҳви бесаводии аҳолӣ хуб арзёбӣ намуда ва пешниҳодҳои мушаххаси онҳоро овардааст [59].

Ба гуруҳи чорум суханрониҳо ва асарҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Э. Раҳмон дохил мешаванд. Ӯ дар тамоми вохӯриҳо бо зиёиёни кишвар, дар ҳар як Паёми солонаи худ, ки сиёсати давлатиро дар соҳаҳои мухталиф аз ҷумла дар соҳаи маориф муайян намуда, роҳи ҳалли масъалаҳоро баён намудааст. Дар баробари ин, дар асарҳои илмиашон ба масъалаи маориф диққати махсус додаанд. Аз ҷумла дар китоби машҳури худ “Тоҷикон дар

оинаи таърих”, “Аз Ориён то Сомониён” оид ба маориф чунин зикр менамояд: “Соҳаи маориф, яке аз соҳаҳои афзалиятнок аст, ки дар он тадриҷан тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд меояд. Мактабҳо фаъол мегарданд, сифати тарбияи муаллимон низ нисбат ба солҳои 90-ум ва ибтидои соли 2000-ум рӯ ба беҳбудӣ овардааст” [49; 50; 51; 52; 53; 54].

Гуруҳи панҷум таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватаниро дохил кардан мумкин аст. Муҳаққиқони зиёди ватанӣ соҳаи маорифро мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода, ҷанбаҳои мухталифи онро таҳлилу таҳқиқ намудаанд. Дар асарҳои олимон: А. Н. Муҳаммад, С. Ш. Бозорова, Ш. Шоисматуллоев, Р. Назаров, А. Ш. Қурбонов, Г.Н. Зокиров, А.М. Муҳабатов, Ш.Ҷ. Ҳасанова, Х. У. Идиев, Н.Н. Шаъбонов, Б. С. Амондуллоев, И. А. Алимов, И. Фархудинов, У. Н. Атакуллаев, Н. Сангинов, Р. Р. Мирзоев, С. Қ. Ҳакимзода, Б. Нуралӣ, Т.Р. Муҳамадҷон Р. М. Имомалиева, Т. Г. Каримов [33; 6; 67; 68; 38; 39; 28; 31; 17; 35; 36; 18; 66; 3; 1; 2; 62; 5; 56; 34; 65; 41; 37; 21; 22] ва дигарон дида мешаванд, ки паҳлӯҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқшавандаро мавриди таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор додаанд.

Дар байни муаллифони дар боло номбаршуда, махсусан андешаҳои муҳаққиқ А. Ш. Қурбонов оид ба таҳаввули низоми маориф дар даврaи истиқлолияти давлатӣ аҳамияти калони илмию назариявиро соҳиб аст. Муаллиф дар асари худ “Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” дар бораи мазмуну муҳтавои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, нақши маориф дар таъмини амният ва боҳамалоқамандии он бо амнияти миллиро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар баробари ин, вазъи ниҳодҳои маорифро дар замони истиқлолияти давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода, макотиби олиро ҳамчун омили рушд ва таҳкими иқтидори илмию техникии кишвар донистааст. Ҳамчунин роҳҳо ва усулҳои самарабахши амалисозии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Дигар муҳаққиқи ватанӣ Р. Назаров дар асараш “Философия качества образования Таджикистана” сифати таълимро аз нигоҳи фалсафию таърихӣ таҳлил намуда, раванди инкишофи маорифро хеле васеъ баррасӣ намудааст. Дар ин асар муаллиф соҳаи маорифи кишварро даврабандӣ намуда, қайд менамояд, ки соҳаи мазкур аз тамаддуни ориёӣ оғоз ёфта, дар даврони шӯравӣ такмилу рушд гардида, ҳоло дар даврaи истиқлолияти Тоҷикистон шакли сифатан нави аврупоӣ ва миллиро ба худ касб намудааст.

Муҳаққиқ Р. Р. Мирзоев оид ба масъалаи гузариш ба системаи нави таълими кредитӣ дар соҳаи маориф рисолаи илмӣ навишта, бурду бохти ин системаро мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.

Қобили қайд аст, ки дар илми сиёсатшиносии ватанӣ, ҳанӯз таҳқиқоти илмӣ оид ба омӯзиш ва таҳлили сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф кам ба назар мерасад. Як қатор муҳаққиқон дар таҳқиқоти худ ҷиҳатҳои алоҳидаи масъалаи таҳқиқшавандаро баррасӣ намудаанд, ки дар шароити феълии Тоҷикистон ин таҳқиқоти анҷомдодашуда кофӣ нестанд. Ҳол он ки ин масъала ба таври мушаххас аз тарафи муҳаққиқони дигар соҳаҳои илм, ба монанди таърихнигорон, файласуфон, ҳуқуқшиносон, педагогҳо ва дигарон мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта истодааст.

Масалан, муҳаққиқи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ Бахтовари Нуралӣ дар рисолаи худ муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон дар соҳаи илм ва маорифро мавриди таҳлил қарор додааст [41].

Муҳаққиқ Р. М. Имомалиева рушди маорифро таҳлили иҷтимоию фалсафӣ намуда, боби дуюми рисолаи илмии худро ба соҳаи маориф бахшидааст, ки дар он тамоюлҳои асосии рушди маориф дар ҷомеаи тағирёбандаи Тоҷикистонро мавриди пажӯҳиш қарор дода, инчунин мавқеи ниҳодҳои соҳаи маорифро дар замони муосир таҳлилу таҳқиқ кардааст [21].

Муҳаққиқ Т. Г. Каримов дар боби аввали рисолаи илмии худ масъалаҳои ғайримарказикунонии идоракунии соҳаи маорифро мавриди омӯзиш қарор дода, самтҳои навсозӣ ва дурнамои идоракунии маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст [22].

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Тоҷикистон дар раванди дигаргуниҳои сиёсии ҷомеа ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ» барои солҳои 2016-2020 иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот – муайян намудани хусусиятҳои инкишоф ва дурнамои рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар шароити дигаргуншавии ҷомеа маҳсуб меёбад. Ҷиҳати ноил шудан ба мақсади гузошташуда, вазифаҳои зерин бояд роҳи ҳалли худро ёбанд:

Вазифаҳои таҳқиқот:

– таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва методологии рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

– муайян намудани омилҳои ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар давраи гузариши ҷомеа;

– таҳлили амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

– арзёбии раванди таҳкими модернизатсионии сиёсати давлатии соҳаи маориф дар Тоҷикистон;

– баррасии дурнамои инкишофи соҳаи маориф дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот: сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф.

Предмети таҳқиқот: раванди татбиқи навоварии соҳаи маориф дар марҳилаи гузариш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Фарзияи таҳқиқот. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, ки ба навсозӣ ва баланд бардоштани сифати низоми таълим нигаронида шудааст, бо як қатор чолишҳои иҷтимоию сиесӣ, ки ҳам аз хусусиятҳои дохилии кишвар (мушкилоти иқтисодӣ, омилҳои демографӣ, анъанаҳои фарҳангӣ) ва ҳам аз таъсири беруна (ҷаҳонишавӣ, стандартҳои байналмилалии таълимӣ) вобастаанд, рӯ ба рӯ мешавад. Тахмин меравад, ки самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз дараҷаи мутобиқати он ба ниёзҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, баҳисобгирии хусусиятҳои фарҳангӣ ва таърихӣ, инчунин аз сатҳи иштироки ҷонибҳои гуногуни манфиатдор дар раванди таҳия ва татбиқи ислоҳоти таълимӣ вобаста аст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои илмӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводҳои мизҳои мудаввар, конференсияҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ташкил мекунанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Дар рафти таҳқиқ ва таҳлили мавзӯи баррасишаванда ва ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда аз методҳои таърихӣ, системанокӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ ва оморӣ истифода шудааст. Методҳои зикршуда ҷиҳати баррасии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нақши калидӣ доранд. Дар такя ба ин методҳо, паҳлӯҳои гуногуни раванди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро муайян кардан мумкин аст. Зимни таҳқиқот дар рисола инчунин аз методҳои ташхис, синтез, эмпирикӣ, ояндабинӣ низ истифода шудаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот: Дар ин кори илмӣ таҳлил ва тадқиқот гузаронида мешавад, ки чӣ гуна таҳсилот пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ рушд кардааст. Инчунин дар тадқиқот хусусиятҳои хоси ин раванд ошкор карда мешаванд. Вобаста ба тадқиқ ва таҳлили мавзӯи пажӯҳишшаванда навгониҳои зерин муайян карда шудаанд:

- зарурияти илмию назариявии таҳқиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф муайян карда шуд;

- ташаккули раванди таҳаввули соҳаи маориф дар давраи гузариш тадқиқу таҳлил гардид;

- тағйири сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ватанӣ ба роҳ монда шудааст;

- роҳҳои татбиқи равандҳои инноватисонӣ ва модернизатсионӣ дар соҳаи маориф муайян карда шуданд;

- раванди мутобиқнамоии омилҳои мусбати маорифи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар таҷрибаи морифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

Раванди навсозӣ ва таҳаввулоти системаи таълимӣ бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисод, иҷтимоиёт, сиёсат ва фарҳанг зич алоқаманд аст. Ин ҷанбаҳо дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ ва таҳлил карда шуданд.

1. Маориф яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Маҳз сиёсат дар ин соҳа ҳамкории институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро муайян мекунад. Аз самаранокии он сатҳ ва сифати дониши насли наврас ва аз ин рӯ сифати зиндагии шаҳрвандон дар маҷмуъ вобаста аст. Аз ин ҷост, ки раванди ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба яке аз роҳҳои муҳимми амалишавии ислоҳот дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Чунон ки маълум аст, дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, соҳаи маориф низ дар ҳамин марҳила ба дигаргуниҳои куллӣ ниёз дорад. Зикр кардан бамаврид аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои сиёсию ҳуқуқии соҳаи маорифро дар иртибот бо таҳаввулоти дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада асоснок карда, якчанд қонунҳо, қарорҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар бораи инкишофи маориф қабул намудааст, ки саривақтӣ мебошанд.

2. Дар натиҷаи дигаргун шудани сохтори сиёсии ҷомеа зарурат пайдо шуд, ки тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дурнамои рушди инкишофи маориф дар иртибот ба арзишҳои миллӣ дар шакл ва мазмуни нав қабул карда шаванд ва ҷиҳати татбиқи амалии онҳо корҳои зиёде иҷро гарданд. Аз ҷумла, вазъи демография дар кишвар нигаронкунанда аст. Агар чораҳои муассири ҳуқуқӣ ва сиёсӣ андешида нашаванд, Ҳукумати Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Аз ин хотир, вазъи демографиро ба назар гирифта, сохтмони муассисаҳои таълимиро бештар гардонидан зарур аст.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло ҳамчун кишвари рушдкунанда дар давраи гузариш қарор дорад, вазифадор аст, ки инкишофи соҳаи маорифи мамлакатро дар асоси имкониятҳои мавҷуда бо истифодабарӣ аз таҷрибаҳои бою пешқадамтарини ҷомеаи ҷаҳонӣ ва меъёрҳои байналмилалии он мутобиқ

намуда, ҷиҳатҳои миллию равонии онро ба инобат гирад. Аз ҷумла, ҷалби шаҳрвандон барои иштирок дар ҷомеа ва гуногунии манбаъҳои маблағгузории таҳсилот бо назардошти афзалиятҳои миллӣ ва давлатӣ метавонад ба ҳалли ин мушкилот мусоидат кунад.

4. Дар асоси ба инобат гирифтан ва афзудани талабот ба дигаргунсозии шакл ва мазмуни сиёсати соҳаи маориф, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим омад, ки самтҳои асосии инкишофи сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян намояд. Аз ин ҷо зарур аст, ки маориф ҳамчун асоси дониш ва болобарандаи маърифати инсонӣ бояд ба яке аз ҳадафҳои муҳимми дурнамои сиёсати иҷтимоию сиёсии ҷомеаи имрӯзи Тоҷикистон табдил дода шавад.

5. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси давлати соҳибистиқлол дар раванди таҳаввулот дар сиёсати соҳаи маориф роҳи модернизатсиониро пеш гирифта, мақсад гузошт, ки шаклу намудҳои пешқадами таълимро дар тамоми шаклҳои маълумотгирии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ татбиқ намояд. Дар раванди татбиқи ин мақсад ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гашт, ки ба дастовардҳои назаррас ноил гардад. Аммо ҳанӯз дар раванди татбиқи сифати таълим норасоиҳое вуҷуд доранд, ки он мазмун ва моҳияти таълим ва тарбияро то андозае халалдор менамояд ва дар ин самт бояд корҳои зиёд анҷом дода шаванд, аз ин рӯ, дар рисола ҷиҳатҳои мазкур пешниҳод гардидаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Таҳқиқоти мазкур дар асоси истифодаи дақиқ ва таҳлили сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин омӯзишу пажӯҳиши раванди инкишофи сиёсати давлатӣдар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди он мавриди баррасӣқарор дода шудааст. Муҳиммияти таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки он яке аз мавзуҳои муҳимму инъикоскунандаи рушди ҷомеа ва ташаккулёбии инсон дар давраи муосир ба ҳисоб рафта, сиёсати давлатӣ онро низ фаро мегирад. Соҳаи маориф ҳамчун самти бартаридоштаи сиёсати давлатӣ, сарчашмаи асосии инкишофи ҷомеаи муосир эътироф карда шудааст, зеро раванди ташаккулёбии он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро мерасонад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Дар диссертатсия масъалаҳои амалии инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар давраи гузариши ҷомеа мавриди баррасӣқарор дода шудаанд. Махусусан, роҳҳою воситаҳои раванди ислоҳот ва навовариҳо дар соҳаи маориф таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Соҳаи маориф аҳамияти амалии бузурге дорад, зеро дар як шакли муайяне он ба тамоми шаҳрвандон алоқаманд аст. Масъалаҳое, ки дар соҳаи маориф ба вуҷуд меоянд, аллакай тамоми оилаҳои ҷумҳурӣ аз он огоҳ мешаванд, чунки оилае

нест, ки муҳассилин дар мактаб ва ё донишҷӯ дар донишгоҳе надошта бошанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқотро метавон дар фаъолияти ниҳодҳои идоракунии маориф, дар раванди ислоҳот дар соҳаи мориф, коркарди воситаҳои таълим, маводҳои лексионӣ оид ба фанҳои ҷомеашиносӣ, хусусан сиёсатшиносӣ ва истифодаи технологияи сиёсӣ дар замони муосир, маводҳои аёнӣ тавассути тахтаҳои электронӣ ва ҳамчунин барои пешрафти минбаъдаи соҳаи маориф мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ таҳия гардидаанд. Инчунин, муаллиф дар асоси таҳлили равандҳои модернизатсионӣ, инноватсия ва ислоҳоти соҳаи маориф бо санадҳои оморӣ тавсияҳои амалии худро манзур намудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи “Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)” бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 2-юми шиносномаи ихтисоси мазкур “Сиёсат ва идораи давлатӣ” ва “Шаклҳои сиёсати давлатӣ” барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Ғояҳои асосии таҳқиқот, дар конференсияи ҷумҳуриявӣ, ки 5-6 январи соли 2017 дар шаҳри Душанбе, дар мавзӯи «Тоҷикистон дар роҳи истиқлолият ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ», конференсияи ҷумҳуриявӣ, ки 12-уми декабри соли 2018 дар шаҳри Душанбе, дар мавзӯи «Нақши ниҳодҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ» ва конференсияи ҷумҳуриявӣ, ки 24.02.2021 дар ш. Душанбе дар мавзӯи «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд» (маводҳои семинарӣ, илмию амалии ҷумҳуриявӣ) ва маҷмӯаи илмии «Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон» ифодаи худро ёфтаанд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар чор мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмие, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ

кардааст, дарҷгардидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст.

Сохтори таҳқиқот. Таҳқиқот аз муқаддима, ду боб, ки панҷ зербобро дар бар мегирад, хулоса ва номгӯи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти таҳқиқи мавзӯъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзӯъ, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, мақсад, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навовариҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот дарҷ гардидаанд. Инчунин, дар сарсухан нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф»** вобаста ба мазмун ва муҳтавои сиёсати давлат дар соҳаи маориф сарчашмаҳои илмию назариявии ин соҳа мавриди таҳлил қарор гирифта, таърифҳои гуногуни мафҳуми «сиёсати давлат дар соҳаи маориф» омӯхта шуда, даврaҳои мухталифи инкишофи тамаддуни инсонӣ, ки дар асоси маорифи қудратманд ба вуҷуд омадаанд, пешниҳод гардидааст.

Дар зербоби аввали боби якум **«Таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва амалии рушди соҳаи маориф»** - сиёсати давлат дар соҳаи маориф мавриди таҳлил қарор гирифта, нишон дода шудааст, ки маориф омили муҳимми соҳаи иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, он дар ҳаёти ҷамъиятӣ тағйироти сифатан навро ба миён оварда, дар инкишофи соҳаи моддию маънавӣ саҳми беназир мегузорад.

Дар ин қисмати диссертатсия мафҳуми “сиёсати давлат дар соҳаи маориф” дар асоси назарияҳои муҳаққиқони хориҷию дохилӣ баён гардида, таснифоти гуногунро фаро мегирад. Муҳаққиқ Ҷ. Лоуи чунин мешуморад, ки сиёсат дар соҳаи маориф ҳамчун яке аз вазифаҳои идоракунии давлатӣ баромад менамояд [32]. Р. Мертон бошад – сиёсатро ҳамчун механизми қабул ва амалӣ намудани қарорҳои давлатӣ, [71] Ҷ. Марч ва Ҷ. Олсен соҳаи

маорифро ҳамчун маҷмӯи ҳодисаҳо маънидод кардаанд ва амалишавии онро вазифаи аввалиндараҷаи давлат медонанд [70].

Пажӯҳишгар А.Е. Кузмин мафҳуми «сиёсати маориф»-ро дар чунин шакл тасниф намудааст: сиёсати маориф; сиёсат дар соҳаи маориф; сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф [26].

Муҳаққиқ А. Ш. Қурбонов сиёсати давлат дар соҳаи маорифро чун хатти махсуси банақшагирии стратегии фаъолияти давлат маънидод кардааст [31].

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ раванди бунёди ҷомеаи демократӣ ба рушди соҳаи маориф, тақдиди инсон ва бунёди созмони нави иҷтимоӣ равона карда шудааст. Дар солҳои охир дар соҳаҳои гуногуни сиёсати давлатӣ тағйирот ба миён омада, заминаи ҳуқуқӣ инкишоф ёфта, либерализатсияи муҳити ҷамъиятӣ амалӣ гардида истодааст. Инчунин, тағйирот дар соҳаи арзишҳои маънавӣ ва афзалият бахшидан ба соҳаи илму маориф ба миён омадааст. Ба ақидаи Х. У. Идиев дар кишвар солҳои охир низоми нави идоранамоӣ ташаккул ёфта истодааст, ки он шароитро барои инкишофи ниҳодҳои иҷтимоӣ беҳтар мегардонад [19]. Аз ин сабаб, имрӯз ба асосҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф тағйироти ҷиддӣ ворид гардида, маориф ҳамчун унсури калидии тамоми фаъолияти ҳаётии кишвар баррасӣ карда мешавад.

Инчунин, дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соҳаи маълумоти миёна ва олии касбӣ тағйироти назаррас ба миён омадаанд. Дар ҷумҳурӣ донишгоҳҳо, академияҳо, донишкадаҳо, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо ва филиалҳои ватаниву хориҷӣ бунёд карда шудаанд, ки шуъба ва намояндагии онҳо мустақилияти идоракуниро ба даст оварда, ба тайёр намудани мутахассисон машғуланд.

Бо мақсади бадастории самаранокӣ ва сифати таҳсилот аз миёнаи солҳои 90-уми асри XX амалӣ намудани барномаҳои ислоҳотӣ оғоз гардид, ки метавон онро ба се давраи алоҳида ҷудо намуд: [6]

давраи якум: аз соли 1996 то 2000 - дар ин давра сиёсати миллии давлатӣ ба бунёди заминаҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ равона гардид;

давраи дуюм: аз соли 2000 то 2005 - заминаҳои ғайримарказонидани низоми идоракунӣ ва пешниҳоди сатҳи муайяни мухторият барои муассисаҳои таълимии олӣ, барои васеъ намудани раванди таҳсилот дар асоси шартномавӣ ва барои барқарор намудани муносибатҳои шарикӣ бо муассисаҳои таълимии олии кишварҳои хориҷӣ ва хусусан, кишварҳои ИДМ гузошта шуд. Инчунин, имкониятҳо ва шароити зарурии ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди Болон муайян карда шуданд. Сипас, панҷ

муассисаи таълимии олии Тоҷикистон (тиҷоратӣ, технологӣ, педагогӣ, иқтисодӣ ва донишгоҳи забонҳо) бевосита бо тартиби санҷишӣ ин раванди таҳсилотро дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монданд;

давраи сеюм - давраи ислоҳоти низоми маълумоти олӣ, ки аз соли 2006 оғоз гардидааст, ба васеъ намудани мухторияти муассисаҳои таълимии олӣ, тайёр намудани мутахассисони ихтисосманд бо назардошти талаботи бозори меҳнат, боҳамоии низоми маълумоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, бунёди низоми доимӣ барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии мутахассисон ва ғайра равона карда шудааст.

Дар ин раванд ба Тоҷикистон имконпазир гардид, ки муассисаҳои таълимии миёна ва олиро барои ворид гардидан ба фазои ягонаи маорифи ҷаҳонӣ омода гардонида, ҳуҷҷатгузории меъёриву ҳуқуқии тайёр намудани мутахассисонро дар шакли бисёрзинагии бакалавр, магистр ва доктор PhD дар асоси системаи Болонӣ тайёр намоянд.

Мақсади асосии гузариш ба тарҳи бисёрзинагӣ тайёр намудани кадрҳо, омода намудани мутахассисони навъи нав ба ҳисоб меравад, ки бо доштани сатҳи баланди касбӣ, дорои чунин сифатҳо ба монанди қобилияти эҷодкорӣ, таҳлил, салоҳиятнокӣ, роҳҳои устувории тафаккур ва самаранокии навоварӣ бошанд.

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки раванди бисёрзинагии маълумоти олӣ дар доираи талаботи Болон таҳқиқ шуда, марҳилаҳои инкишофи он чунин муайян гардиданд: зинаи якум - азхуднамоии салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ, дпавраи бакалаврӣ мадди назар аст,; зинаи дуюм - салоҳиятҳо то ба сатҳе расонида шавад, ки ба фаъолияти эҷодӣ машғул гардад, яъне давраи магистрӣ; зинаи сеюм - ба ташаккули салоҳиятҳои корманди илмӣ оварда мерасонад, ки ҳамон доктор PhD аст.

Диссертант асосҳои иҷтимоии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф таҳлил намуда, чунин хулосабарорӣ намудааст:

- маориф омили муҳимми модернизатсияи соҳаи иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, ба ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ мусоидат менамояд;

- амалӣ намудани ислоҳот дар соҳаи маориф ҳамчун рукни муҳимми иҷтимоӣ дар ташаккул ва инкишофи ҷомеа таъсири калон мерасонад;

- инкишофи маориф дар таъмини амнияти кишвар, устувории ҷомеа ва рушди тафаккури эҷодии тамоми шаҳрвандон мусоидат менамояд;

- давлат ҳамчун кафили адолати иҷтимоӣ, дар таъмини баробарии ҳамаи намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии мухталиф баромад менамояд;

- амалӣ намудани ислоҳоти барномавии давлат, чунин унсурҳоро фаро мегирад:

а) бунёди асосҳои меъёриву ҳуқуқӣ барои гузаштан ба соҳаи бисёрзинагии тайёр намудани кадрҳо;

б) ғайримарказонии идоракунӣ ва сатҳи муайяни мухторият ба муассисаҳои таълимии олӣ ва ҳамкориҳо бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва кишварҳои хориҷӣ;

в) боҳамоӣ дар соҳаи маориф, пайваст гардидан ба фазои ягонаи ҷаҳонии маориф, тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат ва ғайра;

г) мукаммал намудани маъно ва мазмуни маориф дар асоси ахлоқмеҳварӣ;

д) бунёди маркази ягонаи тестӣ ва таъмини шаффофияти қабули донишҷуёни сазовор;

е) дуруст ба роҳ мондани равандҳои модернизатсионӣ, ислоҳот ва навовариҳо дар соҳаи маориф.

Дар асоси таҳлили асосҳои илмӣ-назариявии соҳаи маориф, робитаи консепсияҳои фалсафӣ, психологӣ, сотсиологӣ, сиесатшиносӣ ва педагогиеро, ки моҳияти системаи таълимиро ташаккул медиҳанд, муайян кардан мумкин аст. Дар консепсияҳои мазкур ҳадаф, вазифаҳо, мундариҷа, усулҳо ва ташкили раванди таълим баррасӣ карда мешаванд. Донишҷӯён, омӯзгорон, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар маҷмуъ ҳамчун субъектҳои раванди таълим муайян карда мешаванд. Барои баррасии моҳияти системаи таълим, моделҳои назариявии таълим ва тарбияро таҳлил кардан лозим аст, ки барои фаҳмидани механизмҳои ташаккули дониш, малака ва салоҳиятҳои касбӣ муҳиманд. Мазмуни моделҳои назариявӣ ҳам равишҳои классикӣ ба монанди бихевиоризм ва когнитивизм ва ҳам равишҳои муосир ба монанди конструктивизм ва педагогикаи гуманистиро дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ оид ба психологияи таълим, нейрофизиология, дидактика ва методикаи таълим асосҳои илмии системаи таълимро ташкил медиҳанд. Ин таҳқиқотҳо ба масъалаҳое, ба монанди намунаҳои азхудкунии иттилоот аз ҷониби донишҷӯён, омилҳое, ки ба ҳавасмандӣ ва фаъолияти таълимии донишҷӯён, самаранокии стратегияҳои гуногуни таълим дар системаи маориф таъсир мерасонанд, баррасӣ карда мешаванд. Таҳияи технологияҳои нави таълимӣ, воситаҳои таҳлилӣ, таҷрибаҳои эмпирикӣ ва барномаҳои такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ҷанбаҳои амалии таҳқиқоти илмиро дар соҳаи маориф ташкил медиҳанд.

Ташаккули гуногунрангии муассисаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои гуногуни таълимӣ ва талаботи ҷомеа нигаронида шудаанд, масъалаҳои амалии соҳаи маорифро ташкил медиҳанд. Таҳлили масъалаҳои амалии соҳаи маориф нишон медиҳад, ки пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои зикршуда омӯзиши таҷрибаи ташкили раванди таълим, муайян кардани мушкилот ва дурнамои рушди намудҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ, арзёбии самаранокии барномаҳои таълимӣ ва технологияи омода намудани онҳо зарур аст. Дар ин замина, омӯзиш ва таҳқиқи таҷрибаҳои инноватсионии таълимӣ хеле муҳим мебошад, зеро онҳо ба баланд бардоштани сифати таълим ва рушди салоҳиятҳои касбӣ, ки дар бозори меҳнат заруранд, нигаронида шудаанд.

Рушди соҳаи маориф аз асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии раванди таълим вобаста аст. Таҳияи фарзияҳои илмӣ ва тадқиқоти эмпирикӣ имконият медиҳад, ки консепсияҳои назариявии соҳаи маорифро ташаккул диҳанд. Натиҷаҳои чунин таҳқиқоти илмӣ баъдан барои ташаккули асосҳои назариявии раванди таълим истифода мешаванд. Дар асоси маводҳои ҷамъоваришуда, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи амалии муассисаҳои таълимӣ ба даст оварда шудаанд, таҳлил ва натиҷагирии раванди таълим имконпазир аст, консепсияҳои назариявӣ ва равишҳои илмии омӯзиши раванди таълимро такмил додан ва навсозӣ кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, таҳлил ва баррасии асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии фаъолияти таълимӣ нишон медиҳад, ки ин ҷузъҳои системаи маориф барои таъмини рушди самаранок ва ҳалли мушкилоти мубрами маориф заруранд. Ғайр аз ин, асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ташаккули фаъолияти таълимӣ имкон медиҳанд, ки равишҳои стратегӣ ба навсозии системаи маориф, баланд бардоштани сифати таълим ва раванди таълим, рушди иқтидори эҷодии донишҷӯён ва омӯзандагон, тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир, ки метавонанд ба тағйироти ҷаҳони муосир мутобиқ шаванд, ба амал бароварда шаванд.

Зербоби дуюми боби якум ба **«Омилҳои ташаккул ва инкишофи маориф дар раванди дигаргуншавии ҷомеа»** бахшида шуда, дар ин қисмати диссертатсия ба раванди афзоиши илм диққат дода шудааст, ки он бо суръати баланд идома дорад ва бовар кардан мумкин аст, ки имрӯз шумораи маҷаллаҳо ва мақолаҳои илмӣ ба мисли истеҳсолоти саноатӣ дар кишварҳои пешрафта тақрибан дар ҳар 15 сол ду баробар зиёд ба нашр расонида мешаванд [61]. Маълумот барои инсон омили муҳиммест, ки ба худинкишофёбӣ, дигаргун намудани шахсият ва тарбият намудани он равона гардидааст.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди маълумотгирии худро дар шакли низоми чорзинагии таҳсилот ба роҳ мондааст, ки он маълумоти томактабӣ, миёна, миёнаи махсуси касбӣ-техникӣ ва олиро фаро мегирад. Дар баробари ин, ба маълумоти касбии пас аз дипломӣ, иловагии касбӣ, маълумоти ғайрикасбӣ ва худмаълумотгирӣ низ диққат дода мешавад.

Инчунин, дар диссертатсия раванди ислоҳоти маълумот, ки мувофиқи талаботи намунаҳои миллӣ ва байналхалқӣ қабул гардидаанд, ки дар ин самт корҳои зерин анҷом дода шудааст:

а) ба таври ҷиддӣ аз нав дида баромадани мақсад ва вазифаҳои маълумот;

б) гузаронидани тағйиротҳои сохторӣ ба монанди: бунёди шаклҳои нави мактабҳо, литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо, маҷмааи «мактаб-боғчаи кудакона» ва ғайра як амри зарурӣ аст; ба роҳ мондани соҳаи бисёрзинагӣ дар муассисаҳои таълимии олӣ бо додани ихтисоси мутахассиси хурд - бакалавр, олии пурра магистр ва доктор PhD пешбинӣ шудаанд; омӯзишгоҳҳо ва коллеҷҳо ба сохтори муассисаҳои таълимии илмӣ мувофиқ ба сифати муассисаҳои олии худ маълумотнома дода мешаванд; бунёди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ва байнидавлатӣ дар бо аробари муассисаҳои таълимии давлатӣ ба роҳ монда шудаанд;

в) таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки фаъолияти тамоми муассисаҳои таълимиро роҳнамоӣ менамоянд;

г) муайян намудани сиёсати нави иқтисодӣ ва молиявӣ дар соҳаи маориф.

Дар диссертатсия дар асоси нишондоди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020 афзоиши сармоягузориҳо дар соҳаи маориф ва бештар гардидани муассисаҳои таҳсилот дар тамоми сатҳҳо нишон дода шудааст.

Раванди ташаккули нави таҳсилот дар шароити давраи гузариш, ки дар асоси иттилооти навин ба даст меояд, он дар сатҳҳои гуногун ва давра ба давра тамоми ҷомеаро фаро мегирад. Соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи замони муосир ворид намудани технологияҳои иттилоотии коммуникатсиониро мақсаднок ҳисобида, давраҳои зеринро фаро мегирад:

-давраи якум, истифодаи компютерҳо дар соҳаи идоракунии маориф;

-давраи дуюм, бунёди соҳаҳои компютерӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ ба мисли интернет ва ғайра;

-давраи сеюм, боҳамоии технологияҳои иттилооти коммуникатсионии нав ва алоқамандии он бо технологияҳои таҳсилотӣ.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки дурнамои миллии ташаккули маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо низоми маълумотгирии Болонӣ зич алоқаманд буда, мақсади асосии раванди Болон васеъ намудани дастрасӣ ба маълумоти олӣ, баланд бардоштани сифати таълим, ҷолибияти маълумоти олии аврупоӣ, васеъ намудани қобилияти донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии олӣ, ки тамоми зинаҳои академикиро аз сар гузаронидаанд ва дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошанд, равона карда шудааст. Ҳамроҳ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди Болон, дар оянда, ба модернизатсияи маълумоти олии касбӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади таъмини амалӣ гардидани талаботи раванди Болон дар низоми маълумоти олии Тоҷикистон соли 2004 дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи ҷумҳуриявӣ ва гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд.

Бо ҳамин мақсад аз соли таҳсили 2005-2006 оғоз намуда, як қатор муассисаҳои таълимии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворид намудани системаи кредитии маълумот шурӯъ намуданд. Ба сифати муассисаҳои таълимии олии санҷишӣ донишгоҳои тиҷоратӣ ва технологӣ дар соли 2005 муаян гардиданд. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 тамоми муассисаҳои таълимии олӣ ба системаи кредитии маълумот гузаштанд.

Ҳамчунин дар диссертатсия самтҳои асосии мукаммал намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, ки онҳо дар давраи гузариши ҷомеа хеле муҳим мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилҳо хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро чунин муайян намудан мумкин аст:

- хусусияти гуманистии маълумот, бартарии арзишҳои умумиинсонии ҳаёт ва саломатии инсон, инкишофи озоди шахсият, тарбияи шаҳрвандӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба қоидаҳо ва озодии инсон, меҳру муҳаббат ба муҳити табиат, ватан ва оила;

- фазои ягонаи фарҳангӣ ва таҳсилотӣ дар шароити давлати сермиллат;

- дастрасии умумии маълумот, мувофиқати соҳаи маориф ба сатҳ, хусусиятҳои инкишоф ва тайёр намудани хонандагону тарбиятгирандагон;

- хусусияти дунявии маълумот дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- озодӣ ва гуногунандешӣ дар маълумот;

- мухторият ва муштаракии муассисаҳои таълимӣ.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф нишон медиҳад, ки масъалаҳои зеринро дар ояндаи наздик амалӣ намояд:

- ҳавасманд намудани маблағгузориҳои ғайрибуҷавӣ ба соҳаи маориф;

- инкишофи идоракунии давлатӣ-ҷамъиятии муассисаҳои таълимӣ;

- ҳавасманд намудани инкишофи сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эътироф намудани онҳо ҳамчун шарикони асосии давлат.

Дар раванди дигаргунсозии ҷомеа, дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, системаи маориф нақши муҳим мебозад. Дар ҳама давру замон, системаи маориф пеш аз ҳама ҳамчун механизми муҳимми интиқоли дониш ва малакаҳои пешрафта амал мекард ва инчунин омили дигаргуниҳои иҷтимоӣ буд, ба ташаккули ҳувияти нави иҷтимоии одамон мусоидат мекард. Тавассути таълим одамон тавонистанд ба тағйироти ҷомеа мутобиқ шаванд. Худи системаи маориф дар чунин шароит ба ташаккул ва рушд ниёз дорад. Зеро сохтор, мундариҷа ва дастрасии он ё бевосита ё бавосита ба маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқаманд таъсир мерасонанд.

Тағйироти системаи арзишҳои ҷомеа ва инчунин тағйир додани самти фаъолияти одамон яке аз омилҳои муҳимтарин мебошад. Дар ҳақиқат, дар ҷомеаҳои тағйирёбанда, системаи маориф барои аз нав дида баромадани арзишҳои анъанавӣ ва ташаккули меъёрҳои нави рафтор хизмат мекунад. Аз ин рӯ, мақсад ва вазифаҳои таълим бо мурури замон тағйир меёбанд. Дар ҷомеаҳое, ки дар шароити устувор қарор доранд, таҳсилот институтҳои сохторҳои мавҷудаи иҷтимоиро такмил медиҳад. Аммо, дар ҷомеаҳои трансформатсионӣ, номуайянӣ, навоварӣ ва рақобат таҳсилотро водор мекунад, ки кадрҳоро ба шароити мавҷуда омода кунад. Дар ин раванд таҷдиди стандартҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ амалӣ карда мешаванд, усулҳои нави таълим ҷорӣ карда мешаванд, ба рушди тафаккури интиқодӣ такя карда мешавад.

Дар ин раванд омилҳои иқтисодӣ нақши муҳим доранд. Чун анъана, иқтисоди бозорӣ боиси нобаробарии иҷтимоӣ мегардад. Ин омил табиатан дастрасии аҳолии муҳофизатнашударо ба таҳсилоти босифат маҳдуд мекунад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бояд пеш аз ҳама ба ҳалли ин мушкилот равона карда шавад ва барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ имкониятҳои баробар фароҳам оварад. Тадбирҳо, ба монанди зиёд кардани маблағгузории муассисаҳои таълимӣ, додани стипендия, грантҳо ва квотаҳо ба табақаҳои муҳофизатнашудаи аҳолӣ, рушди системаи таълими

касбӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат хеле муҳим мебошанд.

Ғайр аз омилҳои иқтисодӣ, инчунин ба ташаккул ва рушди системаи маориф таъсири ҷиддӣ мерасонад омилҳои сиёсӣ. Давраи гузариш бо равандҳои навсозӣ, аз ҷумла навсозии низоми сиёсӣ, ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва сиёсӣ, тақсимоти дубораи ваколатҳои ҳокимият ва ғайра ҳамроҳ карда мешавад. Дар ин замина метавон пайгирӣ кард, ки маориф ҳамчун як унсури муҳим ва зарурии муборизаи сиёсӣ ва таъсиррасонии идеологӣ ба шуури табақаҳои гуногуни ҷомеа ба назар мерасад. Баҳисобгирӣ ва истифодаи принсипҳои демократия, гуманизм ва эҳтироми ҳуқуқи инсон дар сиёсати таълимии давлат озодии академӣ ва мустақилияти муассисаҳои таълимиро таъмин менамояд.

Дар баробари ҳамаи ин омилҳо омилҳои иҷтимоию фарҳангиро низ ба назар гирифтан муҳим аст, зеро фаъолшавии муколамаи байнифарҳангӣ, афзоиши равандҳои муҳоҷират ва ташаккули ҷомеаи бисёрфарҳангӣ ба давраи гузариш хос аст. Дар чунин шароит, тавассути системаи маориф, одамон бояд ҳисси таҳаммулпазирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми фарҳангҳо ва анъанаҳои гуногунро инкишоф диҳанд. Дохил кардани мундариҷаи фарҳангшиносӣ, таърихи динҳо ва забонҳои хориҷӣ ба барномаҳои таълимӣ масъалаҳои зикршударо ҳал мекунад. Дар ин замина, маориф ва системаи маориф фазое мебошанд, ки дар он ҳувияти шаҳрвандӣ ташаккул меёбад, ки асоси онро арзишҳо ва принсипҳои умумӣ ва гуманистӣ ташкил медиҳанд.

Боби дуюм – **«Раванди татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф»** ба омӯзишу қабули ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба роҳ мондани равандҳои ислоҳот ва модернизатсия дар соҳаи маориф дар давраи баъдишӯравӣ бахшида шудааст. Ҳамчунин, омилҳои ташаккул ва инкишофи маориф дар давраи гузариш ва дурнамои сиёсати давлатӣ дар низоми маориф таҳлилу таҳқиқ карда шудаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Мақом ва нақши сиёсати давлат дар инкишофи маориф»** раванди инкишофи сиёсати давлатӣ ҳамаҷониба баррасӣ шудааст.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф воситаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахс буда, василаи муҳиммест барои баланд бардоштани суръати инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва илмию техникии ҷомеа. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди инкишофи соҳаи маориф ниёз ба санаду меъёрҳое дошт, ки соҳаи мазкурро ба танзим дарорад. Аввалин ҳуҷҷати расмӣ дар ташаккули соҳаи

маориф ин қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба ҳисоб меравад. Дар иртибот ба тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеа ва бо мақсади ворид гардидан ба муносибатҳои байналхалқӣ дар соҳаи маориф, ба қонуни мазкур 8 маротиба [20] тағйироту иловаҳо ворид карда шуд.

Дар рисола қайд карда мешавад, ки дар раванди амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мушкилиҳои объективӣ ва субъективӣ низ вуҷуд дошт, ки аз ҳама душвортараш ҷанги шаҳрвандӣ мебошад. Ин вазъияти ноустувор дар пешравии соҳаи маориф мамониятҳо эҷод мекард. Чи тавре дар диссертатсия қайд мешавад, аксари омӯзгорон кори омӯзгориро тарк карда, ба дигар навъи фаъолият мегузаштанд ва ё бештар кишварро тарк карда, рӯ ба муҳоҷират меоварданд. Мувофиқи тадқиқоти Хазинаи байналхалқии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ тахминан 20% мактабҳо вайрон ва зиёда аз 1130 бинои мактабҳо корҳои барқарорнамоӣ ва таҷҳизонидани пурраро талаб менамуданд [40].

Дар диссертатсия зикр мегардад, ки сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок дониста шуда, он дуру дароз боқӣ мемонад. Вале, мутаассифона, дар ҷомеаи мо мақсади асосӣ ҷиҳати ба роҳ мондани раванди таълим ва ё бозкушоиҳои марказҳои таълимӣ дар кадом шакле, ки набошад, дар онҳо манфиатҳои иқтисодӣ дар ҷои аввал пешбинӣ гардидааст. Ин на танҳо натиҷаи поин омадани иқтисод, балки ба вайрон гардидани «сармояи инсонӣ» оварда мерасонад. Зеро, фақат барномаҳои иқтисодӣ ва манфиатхоҳӣ буҳронҳои наверо ба миён меорад. Аз ин рӯ, мақсади стратегии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, бояд як соҳаи маорифе бошад, ки дар асоси фарҳанги муайян ба инкишофи субъекти иҷтимоие мусоидат намояд, ки тавонад бо он фарҳанги боло, на фақат аз тамоми падидаҳои номатлуб эҳтиёт кунад, ё дур бошад, балки тавонад бо ҳамаи масъалаҳои манфӣ мубориза барад ва бартарӣ пайдо кунад.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки барои амалинамоии бомуваффақи маорифи ватанӣ талаботи зерин заруранд:

- коркарди ислоҳоти нав дар соҳаи маориф, ки дар худ ҷиҳатҳои хуби таълимоти анъанавӣ ва талаботи нави таҳсилотро дар бар гирифта тавонад;

- қувват додани вазифаи тарбиявии маълумот, ки аз таълим қафо намонад;

- дуруст нишон додани мазмуни маълумот ва муайян намудани таркиби амалии он;

- бунёди фазои ягонаи фарҳангии таълим дар Тоҷикистон ва истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим;

- бештар рӯ овардан ба адабиёт ва дастурҳои илмии ниёгони худ, ки хусусияти инсонсозиро дорад ва хосияти ворисиятро дар худ таҷассум менамояд.

Равандҳои ташаккул ва инкишофи маорифро дар шароити соҳибистиқлолӣ таҳлил намуда, метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

- Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо баъди соли 2000-ум соҳаи маорифро беҳбуд бахшид, зеро дар ҷомеа устувории комил ба даст омад ва иқтисодиёт рӯ ба беҳбудӣ овард;

- раванди мувофиқгардӣ ба вазъияти нави геополитикӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллию давлатӣ ва коркарди афзалиятҳои сиёсии ба шароити нави сиёсию иқтисодӣ, маънавию фарҳангии минтақавӣ ва ҷаҳонии Тоҷикистони соҳибистиқлол барои амалӣ шудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф имкониятҳои нав фароҳам гардид;

- дар ин давра гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф дар ду самт бештар амалӣ гардид: а) сол ба сол баланд бардоштани андозаи маблағгузорӣ ба соҳаи маориф ва табдил додани соҳаи маориф аз соҳаи хароҷотнок ба соҳаи даромаднок; б) мукаммалгардонии сифати маълумот дар тамоми сатҳҳо ва ихтисосҳо, ҳамчунин баланд бардоштани масъулиятшиносии кормандони соҳаи маориф;

- таъмини адолатнокӣ дар тамоми сатҳ ва дар тамоми ноҳияҳо, хусусан аҳамияти бештар додан ба рушди маориф дар деҳот.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар муайян кардани самтҳои стратегӣ, афзалиятҳо ва механизмҳои фаъолияти системаи маориф нақши муҳим мебозад. Чунин сиёсат қодир аст сармояи инсонии кишварро ташаккул диҳад, ҳаракати иҷтимоии аҳолиро таъмин кунад, ба рушди иқтисодии давлат мусоидат намояд, аз ин рӯ, воситаи пурқуввати баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар мебошад. Инчунин сифати зиндагии аҳолӣ бевосита аз самаранокии сиёсати давлатии соҳаи маориф ва сифати таълим вобаста аст.

Фароҳам овардани шароити зарурӣ барои гирифтани таҳсилоти босифат, дастрасии хизматрасониҳои таълимии муассисаҳо ба ҳамаи қишрҳои аҳолӣ, новобаста аз мақоми иҷтимоӣ, эътиқоди динӣ ва маҳалли зисташон вазифаҳои асосии низоми маориф ва хусусан сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мебошанд. Дар доираи сиёсати дар соҳаи маориф гузаронидашуда стандартҳои таълимӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд, сатҳи ҳадди ақали дониш ва малакаи хатмкунандагони ҳар як сатҳи таълимӣ муайян карда

мешавад. Таъмини дастрасии баробар ба захираҳо ва хидматҳои таълимӣ ҷанбаҳои хеле муҳими фаъолияти системаи маориф мебошад. Мазмуни чунин намуди фаъолият маблағгузории муассисаҳои таълимӣ, тайёр кардани омӯзгорони соҳибихтисос ва ташаккули инфрасохтори зарурии чунин муассисаҳоро дар бар мегирад.

Дар баробари ин, дар асоси сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф инноватсияи системаи маориф гузаронида шуда, рушди технологияҳои нави таълимӣ ва усулҳои таълим, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошанд, таъмин карда мешавад. Барои ин маблағгузории тадқиқоти илмии омӯзгорон, ташкили озмоишҳои таҷрибавӣ барои санҷиши усулҳои нави таълим, дастгирии омӯзгорони болаёқат зарур аст. Омӯзгороне, ки метавонанд усулҳои инноватсионии таълим ва барномаҳои инноватсионии таълимиро таҳия ва татбиқ кунанд, ба дастгирии ҳамаҷониба ниёз доранд. Сиёсати давлатӣ, ки барои эҷодкорӣ ва таҷрибаҳои таълимӣ муҳити мусоид фароҳам меорад, метавонад самаранокӣ ва сифати таълимро баланд бардорад.

Мутобиқати барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат масъалаи муҳимест, ки рушди касбии ояндаи хатмкунандагон аз он вобаста аст. Дар ин самт сиёсати давлатии маориф нақши муҳим мебозад. Мониторинги доимии рушди соҳаи иқтисод ва баҳисобгирии тағйироти технологӣ имкон медиҳад, ки ба барномаҳои таълимӣ ислоҳот ворид карда шавад. Таъмини ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳо вазифаи муҳими сиёсати давлатӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки омӯзиши касбии кадрҳо гузаронида шавад ва ҳамгироии бомуваффақияти онҳо ба бозори меҳнат таъмин карда шавад.

Дар маҷмуъ, ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф банақшагирии стратегӣ, идоракунии самаранок ва мониторинги доимиро талаб мекунад, зеро татбиқи чунин сиёсат як раванди хеле мураккаб ва ҳамаҷониба мебошад. Ин сиёсат барои посух додан ба мушкилоти асри XXI ва таъмини рушди устувори кишвар пешбинӣ шудааст. Аз ин рӯ, он бояд системаи самараноки таълимро эҷод намуда, ташаккул диҳад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф»** диссертант раванди модернизатсиониро дар соҳаи маориф ҳамаҷониба таҳлил намуда, мақсади иҷтимоию сиёсии стратегии модернизатсионии сиёсати давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф нишон дода, ин равандро маҳаки муҳимми баланд бардоштани сифати маълумот барои ҳар як шаҳрванд медонад.

Дар диссертатсия зикр мешавад, ки сиёсати муосири давлатӣ дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, ба модернизатсияи маълумоти миллӣ равона карда

шудааст. Дар ин самт, таъмини рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, бо дигар кишварҳо мақсади асосӣ ҳисобида мешавад. Чуноне, ки А. Муҳабатов А. қайд менамояд: «…раванди модернизатсионӣ танҳо раванди ғарбигардонӣ набуда, кишварҳои алоҳида метавонанд, ки вобаста ба ҳувият ва хусусиятҳои маданиву фарҳангиашон онро ба роҳ монанд, ки дар ин раванд Тоҷикистон низ ворид мешавад» [36]. Пас, моро зарур аст, ки раванди модернизатсионӣ дар соҳаи маорифро омӯхта, хусусиятҳои маданиву миллати хешро дар он ҷой дода, беҳтарин низоми маорифро дошта бошем, ки дар оянда аз шаҳрвандони кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил сафар намоянд.

Яке аз вазифаҳои асосии модернизатсияи маориф, чи тавре дар диссертатсия қайд мешавад, ин баланд бардоштани сифати маълумот ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин асос Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори худ Консепсияи инкишофи маълумоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ намуд. Дар он якумин маротиба сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик ва дар дурнамо муайян карда шудааст. Инчунин дар ин ҳуҷҷат мақсад, вазифа, мундариҷа, сохтори маълумот ва роҳҳои амалӣ намудани консепсияи миллии маълумот ошкор карда шудаанд. Раванди модернизатсиякунонии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маориф шароитеро ба вуҷуд овард, ки зарурати тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» пеш омад ва дар таҳрири нав қабул гардид. Дар қонуни мазкур чандин мафҳумҳои нав илова шудаанд: «маълумоти бефосила», «маълумоти фосилавӣ», «саводнокӣ», «маълумоти иловагӣ», «аккредитатсияи давлатӣ», «аттестатсия», «интернатура», «бакалавр», «магистр» ва ғайра [29]. Ин тағйирот аз он шаҳодат медиҳад, ки қонуни мазкур бо меъёрҳои байналхалқӣ дар соҳаи маориф наздик гардида истодааст, ки ин шаҳодати раванди модернизатсиякунонии соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Дар диссертатсия дар шакли омор оварда мешавад, ки ҳоло дар асоси созишномаҳои дуҷонибаи давлатӣ ҳамасола миқдори зиёди донишҷӯён, аспирантон, шунавандагони курсҳои такмили ихтисос, ки ба кишварҳои ИДМ, Полша, Венгрия, Малайзия, Чехия, Туркия ва дигар кишварҳои Аврупо фиристода мешаванд. Дар ин ҷода беҳтар намудани соҳаи маориф дар сатҳи байналмилалӣ қонунҳои ҷории кишвар дар худ ҷой додаанд.

Раванди модернизатсионӣ дар соҳаи маориф масъулиятҳои наверо дар назди мақомоти давлатӣ мегузорад, шахсони масъули соҳаи маориф уҳдадоранд, ки барои коркард ва пешниҳод ба Ҳукумати кишвар «Консепсияи

таҳсилоти бефосила барои солҳои 2016-2022» ва дигар чорабиниҳои иловагиро пешниҳод намоянд.

Чи тавре дар диссертатсия қайд мешавад раванди модернизатсионӣ ба ҳамаи мақомотҳои соҳаи маориф таъсири самарабахш расонида истодааст ва дар ҳамин асос роҳу усулҳои гузариши донишҷӯён ва хонандагон аз муассисаҳои таълимии аккредитатсия нагардида ба муассисаҳои таълимии давлатӣ, гузариши донишҷӯён ва хонандагон аз оилаҳои камбизоат аз гурӯҳҳои шартномавӣ ба гурӯҳҳои буҷавӣ коркард шудааст.

Диссертант дар рисола қайд кардааст, ки пешрафти маориф аз тарбияи мутахассисони дорои шуури баланд вобастагии калон дорад, ки дар ин ҷода таълими фанҳои ҷомеашиносӣ дар радифи дигар фанҳо нақши муҳим мебозанд. Илмҳои ҷомеашиносӣ инсонро дорои сифатҳои волои инсонӣ ва қобилияти онҳоро дар фаъолияти ҷамъиятӣ баланд мебардоранд. Нақши фанҳои ҷамъиятӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо на танҳо пешниҳоди донишҳои илмӣ, балки тарбияи насли наврас дар рӯҳияи оштинопазирӣ бо зуҳуроти бераҳмӣ, зуроварӣ, ҳарисӣ, бенизомӣ, хасисӣ, беҷуръатӣ, кӯшиш ба фоидаи осон, боигарӣ, мубориза бо ноумедиву маъюсӣ ва дигар падидаҳои номатлуби ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда оид ба раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ ва нақши илмҳои ҷомеашиносӣ дар низоми маорифро метавон ба таври зерин арзёбӣ намуд:

- соҳаи маориф яке аз омилҳои асосии инкишофи қудрати зеҳнии миллат ба ҳисоб меравад ва сиёсати давлатӣ онро амалӣ менамояд;

- маълумот асоси инкишофи навоварии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, аз бисёр ҷиҳат роҳҳои инкишофи минбаъдаи рушди ҷомеа ва тавоноии давлатро ташаккул медиҳад;

- муттаҳидгардии низоми маориф дар фазои байналхалқии маълумотгирӣ бо нигоҳ доштани дастовардҳо ва анъанаҳои мактаби миллии тоҷик наздик мешавад.

Раванди навсозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҳамчун вазифаи мураккаб ва бисёрҷанба истифодаи равиши системавӣ ва ба назар гирифтани омилҳои гуногунро талаб мекунад. Ин раванд бисёр самтҳои фаъолиятро дар бар мегирад. Онҳоро метавон ба таври зерин номбар кард: навсозии барномаҳо ва стандартҳои таълимӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таълим, ташкили курсҳои такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ, такмил додани системаи идоракунии муассисаҳои таълимӣ, ташкили инфрасохтори муосири таълимӣ. Баланд бардоштани

сифати таълим ҳадафи ниҳоии раванди навсозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва махсусан системаи маориф мебошад. Татбиқи ин ҳадаф имкон медиҳад, ки системаи маориф ба ниёзҳои шахс, ҷомеа ва иқтисод мувофиқат кунад. Инчунин, таъмини имкониятҳои баробар барои гирифтани таҳсилоти босифат аз татбиқи ин ҳадаф вобаста аст.

Ташаккули мундариҷаи нави таълим яке аз унсурҳои муҳими раванди навсозии ин соҳа мебошад. Таҳияи барномаҳои нави таълимӣ ва дастурҳои таълимӣ, ки донишҳои муосири илмӣ ва дастовардҳои нави илмро инъикос мекунанд, инчунин технологияҳои нав ва талаботи нави бозори меҳнатро ба назар мегиранд, барои навсозии мундариҷаи таълим зарур аст. Раванди навсозии мундариҷаи таълим масъалаҳои ба монанди рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, малакаҳои мустақилона кор кардан, қобилияти мутобиқ шудан ба шароити нави меҳнатро ба назар мегирад. Истифодаи равиши салоҳиятнок дар раванди таълим имкон медиҳад, ки дар кадрҳои оянда на танҳо донишҳои касбӣ, балки малакаҳо барои фаъолияти бомуваффақияти касбӣ ташаккул дода шаванд.

Рушд ва истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимӣ дар раванди тайёр кардани кадрҳо самти муҳими навсозии соҳаи маориф мебошад. Масалан, истифодаи ТИК дар раванди таълим, эҷоди захираҳои таълимии электронӣ, аз қабили китобхонаҳои электронӣ, хидматҳои электронӣ, сайтҳои таълимӣ, таҳияи усулҳои интерактивии таълим, татбиқ ва истифодаи омӯзиши фосилавӣ ва технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ, ба монанди омӯзиши онлайнӣ ба мундариҷаи чунин самти навсозӣ дохил мешаванд.

Бояд қайд кард, ки ташкили курсҳои такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ низ самти муҳимми раванди навсозии соҳаи маориф мебошад. Муҳим он аст, ки чунин курсҳо худашон такмил дода шаванд ва ба талаботи замона ҷавобгӯ бошанд. Чунин курсҳо бояд семинарҳо, тренингҳо, мастер-классҳо, таҷрибаомӯзӣ дошта бошанд ва дониш ва малакаҳои касбии омӯзгоронро нав кунанд. Омӯзгорон бояд сари вақт бо технологияҳои нави таълимӣ ва усулҳои таълим шинос шаванд. Инчунин бояд мақоми иҷтимоӣ ва ҷамъиятии омӯзгорро баланд бардошта, қонун дар бораи мақоми омӯзгор қабул карда шавад, шарафи омӯзгор ҳимоя гардад. Дар маҷмӯъ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди касбӣ ва худшиносии омӯзгорон омили муҳими рушди соҳаи маориф мебошад.

Системаи идоракунии маориф ва такмили он ҷузъи муҳимтарини навсозии системаи маориф мебошад. Дар ин раванд, инчунин бо дарназардошти тағйироти муносибатҳои ҷамъиятӣ, сохтори идоракунии

маориф бояд беҳтар карда шавад, роҳу усулҳои муосири идоракунии кадрҳо ҷорӣ карда шаванд, шаффофият ва кушодагии системаи маориф баланд бардошта шавад. Таъмини иштироки ҷомеа, хусусан волидон дар идоракунии маориф, ангезаи иловагии баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ мебошад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **«Ҳолат ва дурнамои рушди низоми маориф дар шароити ҷомеаи тағирёбанда»** тағйироти куллие, ки дар соҳаи маориф баъди истиқлолияти сиёсӣ ба даст омадааст, ҳамаҷониба мариди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Диссертант дар таҳқиқот сатҳи маълумотазхуднамоии аъзоёни ҷомеаро дар давраи гузариш таҳлил намуда, қайд мекунад, ки миқдори муассисаҳои таълимии томактабӣ, ба таври назаррас коҳиш ёфтанд, ки он ба паст рафтани фоизи фарогирии кӯдакон бо маълумоти томактабӣ оварда расонидааст. Махсусан, коҳишёбӣ дар деҳот ба назар мерасад, ки зиёда аз 75% аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ менамояд, мушоҳида карда мешавад. Сабаби асосии бад гардидани ҳолати маълумоти томактабӣ – коҳиш ёфтани маблағгузории давлатӣ аз буҷаҳои маҳаллӣ барои нигоҳ доштани муассисаҳои томактабӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки мардуми деҳот қариб фаромуш кардаанд, ки чунин муассисаҳо вуҷуд дорад. Дар ин ҷода диссертант маълумоти зиёди омориро дар ҳамин давраи гузариши ҷомеа ба таври муқоисавӣ овардааст.

Дар диссертатсия дурнамои соҳаи маорифро таҳлил намуда, қайд мегадад, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ миқдори муассисаҳои маълумоти миёнаи умумӣ хеле зиёд гардидааст.

Дар рисола муаллиф раванди инкишофи маорифро дар замони ҳозира таҳлил намуда, ояндаи онро низ барои миллат як фишанги муҳимми тақдирсоз баҳогузорӣ мекунад. Самти фаъолияти маорифро дар оянда дар ҳалли чунин масъалаҳо муайян кардан мумкин аст:

- ба роҳ мондани низоми маориф вобаста ба талаботҳои сатҳи ҷаҳонидошта;

- модернизатсияи соҳаи маориф бо мақсади гузариш аз низоми марказонидашудаи давлатӣ ба низоми шарикӣ дар зинаҳои мухталиф, ки ба иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои хусусӣ ва ғайридавлатӣ дар соҳаи маориф мусоидат менамояд;

- мустаҳкам намудани алоқа ва ҷойгирии тамоми зинаҳои маълумот: ибтидоӣ, умумии миёна, миёнаи махсус ва олии касбӣ, инчунин барқарор намудани намунаҳо барои гузаронидани мониторинги сифатӣ дар ҳар яке аз ин зинаҳо;

- сафарбарнамоии захираҳо (инсонӣ, моддӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ) бо мақсади инкишофи системаи маориф барои идоракунии самараноки он;

- таъмини имкониятҳо ва дастрасии баробар ба маълумотгирӣ барои тамоми кӯдакони деҳаҳо ва кудакони имконияташон маҳдуд.

Чи тавре дар диссертатсия қайд карда мешавад, дар ҷомеаи тағирёбанда соҳаи маориф инчунин ба мушкилиҳои нав ба нав рӯ ба рӯ мегардад. Барои бартараф намудани мушкилиҳои соҳаи маориф дар Тоҷикистон бояд ҳамеша соҳаи мазкур дар раванди ислоҳот қарор гирад. Чунки камтарин ғафлат метавонад роҳи ислоҳотро гирад, ба бегонапарастӣ ва ё ба ғарбгароӣ мубаддал гардаду монеи инкишофи соҳаи маориф шавад. Зеро инкишофи раванди ҷаҳонишавӣ ба тезутундшавии рақобат байни истеҳсолкунандагони молу маҳсулот ва хизматрасониҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналхалқӣ оварда мерасонад. Дар чунин шароит барои нигоҳ доштани рақобатпазирӣ меҳнати эҷодии навоварон талаб карда мешавад. Барои ин шавқмандиҳои нав – шавқмандии худамалинамоии эҷодии шахсият зарур аст.

Дар диссертатсия муаллиф раванди инкишофи маорифро дар замони ҷомеаи тағирёбанда таҳлил намуда, самтҳои инкишофи ояндаи онро нишон додааст, ки он аз чунин самтҳо иборатанд: ҷорӣ намудани афзалияти технологӣ, телекоммуникатсия, интернет ва электроника; гузариш ба биотехнология, нанотехнология, зеҳни сунъӣ, ки ин тарзи нави низоми маорифро ба вуҷуд меорад.

Ба ҳамин тариқ, диссертант вазъияти муосири маорифро таҳлил намуда, ба чунин натиҷа расидааст, ки дурнамои маориф дар ояндаи наздик ба тарзи нави технологӣ гузашта, ин раванд ҷаҳишҳои нави сифатӣ, сармояҳои баланд ва дарозмуддати зеҳниро талаб менамояд.

Дар диссертатсия барои ҳалли чунин масъалаҳои муҳим мактабро ҳамчун омили муҳим арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки мактаб ниҳоди муҳимми иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар соҳаи маориф нақши калидиро иҷро менамояд, бе мактаб, низоми маорифе вуҷуд надорад ва дошта ҳам наметавонад. Мувофиқи талаботи давлат ва ҷомеа ташаккули ҷаҳонбинӣ, арзишҳо, иҷтимоишавии шахс маҳз дар мактаб амалӣ мегардад. Аз ин хотир, обурӯи ҳар кишвар аз низоми маориф, сатҳи қудрати зеҳнии шаҳрвандони он вобаста аст ва пешбинӣ мегардад, ки оянда дар дасти он миллате мебошад, ки маорифи қудратманд дорад.

Дурнамои рушди системаи маориф дар шароити тағйирёбии ҷомеа дар муайян кардани рушди ояндаи кишвар нақши муҳим мебозад. Ояндаи кишвар ва устувории давлат аз он вобаста аст, ки системаи маориф то чӣ андоза ба

талаботи замон ҷавобгӯ аст ва то чӣ андоза омода аст, ки кадрҳоеро, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, омода созад. Маориф, пеш аз ҳама, як системаи алоҳидаи иҷтимоӣ мебошад, ки бо мурури замон рушд мекунад ва ба мушкилоти замони муосир ҷавоб мегардонад. Системаи маориф дар ҳар як кишвар барои ташаккули салоҳият, самаранокӣ ва масъулияти иҷтимоӣ дар шаҳрвандон пешбинӣ шудааст. Кадрҳои системаи маориф бояд дар ҷомеаи зудтағйиребанда бомуваффақият ҷорӣ карда шаванд. Имрӯз навсозии системаи маориф пайгирӣ карда мешавад. Ин раванди гузариш аз системаи анъанавии таълим ба моделҳои муосир мебошад. Системаи анъанавии таълим танҳо ба интиқоли дониш нигаронида шуда буд. Модели муосири таълим ва системаи таълим кӯшиш мекунад, ки дар донишҷӯён малакаҳои тафаккури интиқодӣ, ҳалли мушкилот дар муошират ва ҳамкориро инкишоф диҳад.

Пешрафти илмию техникӣ ва рушди технологияҳои нав ба системаи маориф таъсири ҷиддӣ мерасонад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва лавозимоти компютерӣ (зеҳни сунъӣ, системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ) дар раванди таълим имкон медиҳад, ки ба донишҷӯён захираҳои нави таълимӣ пешниҳод карда шаванд. Шаклҳои таҳсилоти фосилавӣ ё таълими онлайнӣ дар ин рӯзҳо маъмул гаштаанд. Чунин намудҳои таълим сарҳадҳои ҷуғрофиро эътироф намекунанд ва ба хоҳишмандон имконият медиҳанд, ки новобаста аз ҷои истиқомат таҳсилоти босифат гиранд. Аммо, дар ин ҳолат мушкилоти нав ба миён меоянд. Масалан, баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ хеле муҳим аст, зеро дастрасии баробар ба технологияҳои нав аз ин навъи саводнокӣ вобаста аст.

Тағйироти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз системаи маориф талаб мекунанд, ки ниёзҳои нави ҷомеаро таъмин кунанд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, автоматикунонии раванди истеҳсолот ва рақобати шадид дар бозори меҳнат системаи маорифро водор месозад, ки сатҳи нави омӯзиши кадрҳоро таъмин кунад. Дар шароити муосир, кадрҳои омодашуда бояд на танҳо дониш ва малакаҳои касбӣ, балки қобилияти мутобиқ шудан ба шароити нави доимо тағйирёбандаро дошта бошанд. Онҳо бояд қобилияти пайваста омӯхтан ва рушд карданро дошта бошанд. Кадрҳои муосир ба хусусиятҳои нави касбӣ, ба монанди сифатҳои роҳбарӣ, қобилияти кор дар гурӯҳ, зеҳни эмотсионалӣ ниёз доранд. Дар шароити муосир системаи таълимӣ барои тайёр кардани шахси дигар пешбинӣ шудааст. Имрӯз, тавассути хидматҳои таълимӣ, шахс бояд на танҳо ба касби муайян, балки дар маҷмӯъ ба ҳаёт омода шавад. Маориф бояд мавқеи шаҳрвандии шахс, салоҳияти фарҳангии ӯро ташаккул диҳад. Шахси бомаърифат бояд қобилияти ташаккул додани худро дошта бошад.

Ҳамин тариқ, рушди минбаъдаи системаи маориф дар шароити тағйирёбии ҷомеа бевосита аз рақамисозии минбаъда, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва навсозии худи системаи маориф вобаста аст. Аз ин рӯ, системаи маориф бояд ба тағйирёбии ҷомеа ва иқтисод зуд вокуниш нишон диҳад, мутобиқ ва устувор шавад. Барои он, ки системаи таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошад, ҳамкории зич ва доимӣ байни муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва мақомоти давлатӣ зарур аст. Маблағгузории системаи маориф гарави оянда ва рушди устувори кишвар мебошад. Рушди устувор ва шукуфоии кишвар аз сифати таҳсилот ва кадрҳои омодашуда вобаста аст.

ХУЛОСАҲО ВА НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ва таҳлили сарчашмаҳо ва маводҳои илмию назариявӣ дар пажӯҳиши мавзӯи мазкур оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф корҳои зиёд анҷом дода шуданд ва аз натиҷаи таҳқиқоти мазкур мо ба чунин хулоса расидем:

1. Маориф ҳамчун падидаи муҳимми ҳаёти ҷомеа, марҳилаҳои тӯлонии таърихи инсониятро дар бар гирифта, таваҷҷуҳи мутафаккирон ва муҳаққиқони халқҳои гуногуни оламро ба худ ҷалб намудааст.

2. Раванди ислоҳот дар соҳаи маориф ҳамчун талаботи ҷомеаи муосир маънои мусбиро касб намуда, маорифи анъанавиро бо маорифи муосир омезиш дода, раванди таълимро бо мазмуну мундариҷаи нав пешниҳод менамояд [М - 10].

3. Маълумоти навоварӣ (инноватсионӣ) дар диссертатсия яке аз афзалиятҳои асосӣ шуморида мешавад, ки дурнамои инкишофи маорифи миллиро дар асри XXI муайян менамояд.

4. Модернизатсияи соҳаи маориф идоракунии хосеро талаб менамояд, ки он дар асоси таҳлил ва пешбинии инкишофи маориф бунёд мегардад [М – 1, 2, 5, 6].

5. Нақши илмҳои ҷомеашиносӣ ва таълими онҳо, мақоми онҳо дар баланд бардоштани шуури сиёсӣ, маданияти сиёсӣ ва мустаҳкам намудани иродаи сиёсӣ дар боло бурдани худшиносии миллӣ ва дигар масъалаҳо ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор гирифтааст [М – 3].

Дар хулосаи диссертатсия ҳолатҳои асосии тадқиқот натиҷагирӣ гардида, дар он вобаста ба масъалаи омӯхташуда хулосаҳои мушаххас ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

1. Имрӯз маорифи ватанӣ дар раванди таҳсилот хонандагонро дар маркази рафти таълим қарор дода, онҳоро аз шунавандаи ғайрифаъол ба иштирокчии фаъол бояд мубаддал гардонанд. Дар ин раванд сатҳи истифодабарии техникаи муосири компютерӣ ва технологияҳои таҳсилоти интерактивӣ бештар карда мешавад ва худи ин раванд донишҷӯёнро маҷбур менамояд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотиро хуб аз худ намояд.

2. Раванди ислоҳот ва модернизатсия дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи замон аст, вале бояд бо эҳтиёти баланд ба роҳ монда шавад, зеро илму техника босуръати баланд боло рафта истодааст ва хатарҳои ҷаҳонишавии давраи муосир метавонад ба маорифи миллӣ таъсири манфӣ низ расонад.

3. Дар мактабҳои маълумоти умумии миёна ворид намудани фанни нав - «Тарбия» зарур аст, ки он бояд дар асоси адабиёти ниёгон қарор гирад. Зеро ташаккули ахлоқи инсонӣ, ки рафтори дуруст ва мақбул дар асоси он ба вуҷуд меояд ва арзишҳои ҳақиқии миллӣ ва умумиинсониро рушд медиҳад ва ба ғанӣ гардонидани «сармояи инсонӣ» оварда мерасонад.

4. Бештар сохтани муассисаҳои томактабию таҳсилоти умумӣ зеро, ки дар Тоҷикистон афзоиши аҳолӣ ҳар сол мувофиқи маълумотҳои СММ қариб 2,5 фоиз зиёд шуда истодааст.

5. Коркарди низоми маорифи пешрафта имконият медиҳад, ки Тоҷикистон имконият пайдо кунад, ки аз дигар кишварҳо ба мактабҳои олӣ донишҷӯёнро қабул намояд.

ИНТИШОРОТИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:

[М-1] Гадоев, Н.З. Теоретико–методологические основы государственной политики в области образования //Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – №2/6 (175). – С. 215 - 220. ISSN 2074-1847

[М-2] Гадоев, Н.З. Модернизационный процесс образования в условиях государственной независимости //Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – №2/5 (207). – С. 264 - 268. ISSN 2074-1847

[М–3] Гадоев, Н.З. Роль общественных дисциплин как приоритетное направление воспитания высококвалифицированных кадров //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-политических и общественных наук. – 2018. – №1. –С.265 - 270. ISSN 2413-5151

[М–4] Гадоев, Н.З. Образование – приоритетное направление государственной политики в условиях демократизации общества //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-политических и общественных наук. – 2018. – №5. –С.317-322. ISSN 2413-5151

[М–5] Гадоев Н.З. Раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №5. –С. 310-314. ISSN 2413-5151

Маърӯзаҳои илмӣ

[М– 6] Гадоев Н.З. Раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули сиёсати навин дар соҳаи маориф. //Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир. (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ) ш. Душанбе, 05.12.2019. – Душанбе, 2019. – С. 156 - 165.

[М–7] Гадоев Н.З. Ташаккули инсонияти инсон – ҳадафи асосии маориф дар асри XXI //Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд. (маводҳои семаинарӣ илмию амалии ҷумҳуриявӣ) ш. Душанбе 24.02.2021. – Душанбе, 2021. – С. 319-324.

Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

[М–8] Гадоев, Н.З. Нақши маориф дар раванди ҷаҳонишавӣ ва тарбияи сиёсии шаҳрвандони мамлакат //Масалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ). Нашри 4. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С. 59 - 66.

[М–9] Гадоев, Н.З. Сиёсати давлат дар соҳаи маориф: мушкилот ва дурнамо //Масалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ). Нашри 5. –Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – С. 121 - 127.

[М–10] Гадоев, Н.З. Нақши давлат дар раванди ислоҳот, дар соҳаи маориф //Масалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ). Нашри 6. –Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 110 - 122.

[М–11] Гадоев, Н.З. Рушду инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва дурнамои он //Масалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию тадқиқотӣ). Нашри 7. –Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 72- 80

[М–12] Гадоев, Н.З. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва хусусиятҳои муҳимми он дар шароити истиқлолияти сиёсӣ. //Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. (маҷмӯи мақолаҳои илмӣ- тадқиқотӣ). Нашри 8. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – С. 111 - 117.

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

УДК: 3.7.033 (575.3)

На правах рукописи

ГАДОЕВ НУСРАТУЛЛО ЗУВАЙДУЛЛОЕВИЧ

ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ (ПОЛИТИЧЕСКИЙ И СОЦИАЛЬНЫЙ АНАЛИЗ)

Специальность: 23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии (политические науки)

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук

Душанбе - 2025

Диссертация выполнена на кафедре политических процессов в Таджикистане Таджикского национального университета

Научный руководитель:	**Мухабатов Абдусалом** – кандидат философских наук, профессор кафедры политических процессов в Таджикистане Таджикского национального университета
Официальные оппоненты:	**Назар Мумин Абдуджалол** – доктор философских наук, главный научний сотрудник отдела социальной философии Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистан; **Саидзода Шухрат Шукур** – кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой общественных дисциплин Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики.
Оппонирующая организация	Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Защита диссертации состоится “11” октября 2025 года, в 13:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-079 при Институте философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана по адресу: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке имени Индиры Ганди НАНТ и на официальном сайте Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова НАНТ (www.ifppanrt.tj).

Автореферат разослан “____” _____ 2025 г.

Ученый секретарь
диссертационного совета,
кандидат политических наук
Email: sanginov1953@mail.ru Сангинов Н.Н.

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Вопрос образования является одним из главных и ключевых вопросов социально-политической жизни общества и его развитие значительно влияет на все стороны общественных отношений. В связи с этим, изучение и рассмотрение сферы образования в переходный период общества является одной из важных целей государственной политики. В связи с этим Президент Республики Таджикистан, уважаемый Э. Рахмон отмечает, что «Одним из приоритетных направлений политики государства и стратегических целей Правительства Республики Таджикистан является развитие сферы образования» [53, с.302].

Значимость темы исследования выражается в том, что Таджикистан наряду с другими развитыми странами мира стремится разработать свои государственные акты, нормативы, концепции и программы в сфере образования, адаптируя мировым стандартам направления его развития. Учитывая важность данной сферы, Правительством Республики Таджикистан был принят Закон «Об образовании». Закон даёт возможность развития системы образования в соответствии с требованиями демократического общества.

Важность изучаемой темы также выражается в том, чтобы в зависимости от требований переходного периода анализировался и исследовался процесс постепенного перехода образования в Республике Таджикистан, необходимость изучения которого также подробно изложена в Национальной стратегии развития сферы образования в Республике Таджикистан.

Другая необходимость анализа и исследования выбранной темы заключается еще и в том, что процесс модернизации в сфере образования анализируется и исследуется в зависимости от национальных характеристик, таких как национальный дух, патриотизм, уважение к национальным ценностям, истории и культуре прошлого и их влияние на формирование новой личности.

С другой стороны, необходимость научного и теоретического анализа и изучения исследуемой темы заключается в том, что сегодня модернизация сферы образования проводится в условиях, когда наблюдаются реформы во всех сферах, в том числе в политической системе Таджикистана. Поэтому, для модернизации сферы образования также крайне необходимо активное привлечение институтов гражданского общества, органов самоуправления местной власти, общественных объединений и деятельность самих граждан. В связи с этим, политика в области образования имеет не только отраслевой, но и всеобщий характер и требует полное научно–теоретическое изучение и исследование.

Следует отметить, что вопрос развития современного общества прочно связано уровнем технических и технологических знаний. Неслучайно Правительство Республики Таджикистан видит одну из своих долгосрочных целей в индустриализации общества, которая невозможна без развития науки и образования. Поэтому, в связи с необходимостью изучения естественных, точных и математических наук, а также для расширения технического мышления подрастающего поколения, на встрече Эмомали Рахмона с представителями интеллигенции Республики Таджикистан 2020-2040 годы были объявлены «Двадцатилетием изучения и развития естественных, точных и математических наук». Представляется, что выше указанные задачи позволят успешно достичь четвертой цели перспективы развития Таджикистана - индустриализации страны посредством данной цели.

Развитие сферы образования тесно связано с качеством воспитания и обучения в детских садах, средних школах и колледжах, институтах и университетах страны. Более того, сфера образования служит надежной цепочкой в формировании просвещения, самопознания, зрелости и духовного роста человека. Недаром мудрецы Запада и Востока, видели эволюцию общества в просвещении, грамотности и в целом духовности. Они мечтали, чтобы наука и образование могли искоренить невежество в сердцах людей и направить их на правильный путь.

В наше время, особенно в процессе глобализации, важность вопроса образования и темы исследования выражается в том, что Республика Таджикистан, наряду с другими развитыми странами, стремится к преобразованию и подготовке своих государственных актов, норм и программ в сфере образования, адаптировать их к мировым стандартам системы образования.

Степень исследования научной темы. Вопрос формирования и реализации эффективной государственной политики в сфере образования давно привлекает к себе внимание различных научных исследователей, так как все сферы жизни зависят от дальнейшего развития и формирования образования в условиях современного общества и его перспектив. Основную суть диссертации можно разделить на два основных направления: изучение, исследование и анализ теоретико-методологических основ государственной политики в сфере образования и научное исследование реализации государственной политики Республики Таджикистан в сфере образования.

В ходе изучения темы диссертации исследования ученых в сфере образования в предыдущие годы и в настоящее время можно разделить на несколько групп.

В первую группу источников являются нормативно-правовые и политические документы, регулирующие сферу образования, в том числе Конституция Республики Таджикистан, Закон Республики Таджикистан «Об образовании» и другие законы и постановления Правительства Республики Таджикистан [24; 29; 30; 58; 10; 20; 47; 48; 57]. Анализ этих нормативных актов показывает, что к данной теме проявляют интерес исследователи различных областей науки, которые исследовали различные аспекты данной темы.

Во вторую группу входят научные исследования, представленные широким кругом зарубежных ученых, которые разносторонне анализировали сферу образования, доказали необходимость ее изучения и написали множество научных работ. Среди них значителен вклад исследователей, рассматривали сферу образования с социальной точки зрения. В частности, работы следующих зарубежных исследователей, как Э. Тоффлера, Д. Форрестера, Ф.Фукуямы, Э. Гидденса, Э. Дюркгейма, Т. Парсонса, Б. Саймона, Р. Дарендорфа, Д. Дьюи, Л.А. Козера, Ф.Г. Кумбса [60; 61; 63; 64; 9; 14; 45; 46; 55; 11; 13; 23; 27] и другие, привлекли внимание многих последующих исследователей.

Ф. Фукуяма в своей книге «Великий разрыв», анализируя социальные вопросы, оценивает быстрые изменения, произошедшие с 1965 года, с точки зрения социальных норм. По его мнению, изменения тесно связаны с ценностями, существующими в обществе. Например, он указывает, что фундаментальные изменения в семейной культуре, можно объяснить двумя факторами. Первый фактор общий и заключается в том, что изменился характер труда, и общество перешло от экономики индустриальной эпохи к информационной; второй фактор конкретный и заключается в технологических инновациях, таких как влияние лекарств на процесс родов и другие семейные отношения, имеющие свои конкретные причины, то есть влияние науки на повседневную жизнь людей, но из-за бедности наука доступна не для всех членов общества. Причину «великого разрыва» он видит в бедности и неравенстве общества. Даже считает, что распад семьи, бедность, преступность, недоверие, социальная раздробленность, злоупотребление наркотиками, неграмотность и низкий социальный капитал происходят от низкого уровня образования [64, с.67].

Исследователь Э. Тоффлер в своей работе «Третья волна» проводя сравнительный анализ, больше сравнивает третью волну демократии со второй. Он отмечает, что в настоящее время миллионы людей из-за неграмотности исключаются из рынка труда. В мире второй волны способность читать являлась самым простым навыком и в каждом ведомстве требовала его самостоятельно [60, с.124].

Другой ученый Д. Форрестер в своем произведении «Мировая динамика» анализирует отношение человеческого разума к окружающей среде и рассматривает человеческий разум как важное средство создания теорий. Другой важный момент, который он подчеркивает в этой работе, это человеческие знания. Именно через знания человек определяет порядок вокруг себя [63, с.45-46]. Еще один вопрос, который он анализирует в этой работе, это возникновение научных полемик между специалистами. В частности, он подчеркивает, что специалист определенной области должен проводить бурные дискуссии с группой людей, обладающих знаниями в этой области [63, с.55].

Другой западный ученый, Энтони Гидденс, 16-ю главу своего труда «Социология» посвятил сфере образования. В этой работе он первым подробно рассмотрел форму дистанционного обучения, и сегодня сказанное этим исследователями видим на опыте развития образования Таджикистана [9, с.427].

Анализы показывают, что эти исследователи в своих научно-исследовательских трудах уделяли особое внимание вопросу развития науки и образования и на конкретных примерах указали на пути их практического применения.

В третью группу входят российские исследователи, которые в последние годы уделяют особое внимание общим вопросам формирования государственной политики в сфере образования. Значение и перспективы сферы образования, анализ рычагов формирования государственной политики в сфере образования можно наблюдать в исследованиях А.Л. Андреева, Н. Ф. Дианової, В. И. Жукова, М. Ф. Кузнецова, Ф. Г.Зихтдинова, А. Е. Кузьмина, А. Г. Бермуса, Д. А. Ягофарова, Ж. Т. Тощенко и др. [4; 12; 15; 25; 16; 26; 7; 8; 69; 59].

Среди этих ученых большое научное и теоретическое значение имеют исследования А.Е. Кузьмина. В его научной работе дается оценка понятиям «образовательная политика», «политика в образовании», «государственная политика в сфере образования» [26].

Исследователь А. Г. Бермус в своей работе при рассмотрении систем промышленной стандартизации, на основе которых возникли современные государственные стандарты образования, делит их на четыре относительно независимые национальные типы: американский, европейский, российский и японский [8].

Исследователь Д. А. Ягофаров привлек к себе большое внимание ученых. В своей книге «Правовое регулирование системы образования» он проводит правовой анализ образовательной политики и основных требований

системы образования. Исследователь отмечает, что государственная политика в сфере образования - это совокупность государственных мероприятий по обеспечению и развитию национальной системы образования, которая имеет различные элементы, среди которых политические, идеологические, социальные, психологические, правовые, этические, организационные, управленческие, а также материально-технические, финансовые и экономические вопросы занимают особое место. С другой стороны, его исследования содержат три положения, которые напрямую связаны с образовательной политикой.

Во-первых, государственная политика в сфере образования основывается на ряде требований, в том числе на руководящих требованиях, которые определяют краткосрочные перспективы и цели образовательной политики на конкретном историческом этапе развития общества и в будущем.

Во-вторых, эти требования отражены в действующем законодательстве, регулирующем различные аспекты национальной системы образования, и прежде всего в Конституции и других нормативно-правовых актах.

В-третьих, такая связь между требованиями государственной политики в сфере образования и законодательством в данной сфере свидетельствует о том, что развитие образования признается одной из приоритетных задач государства [69].

Исследователь Ж. Т. Тощенко анализируя состояние образования населения России на основе статистического анализа в собирательной форме, назвал образование важным фактором регулирования социальных вопросов, важнейшим условием классификации общества и социальной мобильности индивида в обществе. Также, социологи Е.А. Кабо, Л.Е. Минц и В.С. Овчинников внесли конкретные предложения по воспитанию рабочей молодежи, новой интеллигенции и реализации программы ликвидации безграмотности [59].

